# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи «Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон. – пешниҳод шудааст**

Давоми солҳои охир омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва қисматҳои он вусъати тоза пайдо намуда, аз ҷониби муҳаққиқон мавриди пажуҳиши илмӣ қарор мегиранд. Дар ин замина, масъалаҳои мубрами семантикаи воҳидҳои луғавии забон ва маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ низ аз таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳа дур намондааст ва дар ин самт аллакай таҳқиқоти судманди илмӣ рӯйи кор омадаанд. Омӯзиши ин бахш асосӣ буда, шакли дурусти воҳидҳои луғавӣ ва муайян намудани маъно яке аз вазифаҳои асосии воҳидҳои луғавӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омӯзиши маънои коннотативӣ ҷиҳати омӯзиш ва баррасии хусусиятҳои назариявии семантикаи воҳидҳо ва таркиби луғавии забон муҳим арзёбӣ мегардад.

Чунин вижагиҳои забонӣ ва муҳимияти мавзуъ диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи «Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо)», муҳим буда, омӯзиши таҳқиқоти мазкур саривақтӣ буда, дар бахшҳои назарияи забон, луғатшиносӣ ва маъношиносии забони тоҷикӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Мавзуи мавриди таҳқиқ, ки ба вижагиҳои маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо)», ки яке аз нависандагони маъруф ба ҳисоб меравад, бахшида шудааст. Таҳқиқу омӯзиш ва таҳлили паҳлуҳои гуногуни осори нависанда аз нуктаи назари дигар илмҳо бо таълифи асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ анҷом дода шудааст, аммо вобаста ба масъалаҳои маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ аввалин маротиба мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Маъношиносӣ мавзуи омӯзиши худро дорад ва вобаста ба семантикаи забон баҳс намуда, ифодаҳои забоние, ки ҳамчун калима, ибора, ҷумла ва матнро дар бар мегирад.

Муҳаққиқ дар муқаддима мубрамӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, маводи таҳқиқ, навоварии он, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нукоти барои дифоъ пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натоиҷи таҳқиқ ва сохтори кор баён шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия дар мавзуи **«Хусусият ва хелҳои маъно дар маъношиносӣ»**, номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат аст, ки масъалаҳои назариявии маъношиносии лингвистӣ мавриди таҳлилу

баррасӣ қарор гирифтааст. Вижагиҳои хос, навъҳои маънои луғавию прагматикӣ ва ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Пас аз омӯзиши боби якуми рисола ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносии лингвистӣ мақоми махсусро касб намудааст. Маънои луғавию прагматикӣ, инчунин, грамматикӣ вижагии худро дорад, ки ин дигар паҳлуи масъала аст. Вожаҳои ифодагари номи ҳайвонот, ҳашарот ва парандагон, феълҳо, калимаҳои оддии гуфторӣ маънои коннотативиро нисбатан мушаххас ифода мекунанд. Муайян гардид, ки вожаҳои забон дар ифодаи маъноҳои гуногун ва, махсусан, маънои коннотативӣ дар таносубҳои маъноии мухталиф меоянд. Дар ин замина маънои коннотативӣ алоқамандии забон, гӯянда, маъно, хелҳои он, вазъият, ҳолат, ҳиссиёт мавриди истифода ва корбурбурдро вобаста ба ҷойгоҳи худ нишон медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Таъсирпазирии маъноҳои корбурдӣ-прагматикӣ»** буда, аз се фасл иборат аст, ки бо хулосаю натиҷаҳои муътамад аз ҷониби муаллиф асоснок гардидаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар фасли якум масъалаи муносибати маънои коннотативӣ ва маънои услубӣ бо таҳлили амиқу дақиқ пешниҳод гардида, дар фасли дуюм ва сеюм робитаи маънои коннотативӣ бо маънои эҳсосӣ, инчунин, муносибати маънои коннотативӣ бо маънои баҳодиҳӣ мавриди баррасӣ гирифтааст.

Алоқамандӣ, фарқият, хусусият ва ҷойгоҳи маъноҳои прагматикии коннотативӣ ва баҳодиҳӣ дар низоми ифодаи маъно вижагии ба худ хосро дорост. Калимаҳо вобаста ба мавриди корбурд, сохт, мансубият ба ин ё он ҳиссаи нутқ метавонанд маънои коннотативӣ ва дар навбати худ маънои коннотативии баҳодиҳиро ифода намоянд. Як калима метавонад ҳам маънои мусбат ва ҳам маънои манфии коннотативӣ ё эҳсосотӣ ё баҳодиҳиро ифода намояд. Ҳангоми таҳлил тарзи дурусту мушаххаси ифодаи маъно ва аломати забон муайян карда шудааст.

Боби сеюм, ки **«Ифодаи маънои коннотативӣ дар бахшҳои маъношиносии лингвистӣ»** ном дорад, аз чор фасл иборат аст. Масъалаи маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ дар асоси асари «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо ва имкониятҳои гуногуни зуҳури коннотатсия бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Ҳамоҳангӣ дар бахши қисмҳои матн, балки байни иштирокчиёни муоширот (бо ҷалби донишҳои ибтидоии онҳо, сохторҳои маърифатии муштараки эмотсионалӣ ва равонӣ-аксиологӣ) ба вуҷуд меояд. Назарияҳои муайянро шахс қариб ҳамеша бо дарназардошти муносибати шахсии мусбат ё манфӣ, ба тариқи ошкор баррасӣ менамоянд.

Хулоса ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ аз 11 банд иборат буда, муҳтавои асосии корро ба пуррагӣ ҷамъбаст намудаанд.

Автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талаботи КОА ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи **Бустонзода Тахмина Бустон** дар мавзуи **“Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо)”,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти анҷомёфта, мустақилона ва арзишманди илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мебошад.

Ҷолибияти рисола дар он аст, ки нахустин маротиба ба таври мукаммали илмӣ вижагиҳои назариявии м**аънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ дар асоси маводи «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо** мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои муҳаққиқ мушаххассан банд ба банд ҷамъбаст шуда, мазмуни ягонаи кори илмиро нишон медиҳад. Феҳристи адабиёти илмӣ мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Автореферати **Бустонзода Тахмина Бустон** дар мавзуи **«Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо)»,** аз муҳимтарин натиҷаҳои амалии таҳқиқи бадастомадаи таҳқиқи диссертатсионии муҳаққиқ иборат аст ва дар охири ҳар як банд ба мақола ва таълифоти муҳаққиқ нишон дода шудааст. Дар маҷмуъ, таҳқиқи диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои мубрами забоншиносӣ кушиши саривақтӣ ва арзишманд маҳсуб меёбад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд.

Таҳлилу муҳокима ва натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия дар заминаи таҳлили маводи фаровони илмию бадеӣ анҷом ёфта, муаллиф ба мақсади ниҳоии худ комёб гардидааст. Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо мушоҳида шудаанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошанд:

1.Ба назари мо, беҳтар мебуд, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ бояд дар асоси мавзуи мавриди таҳқиқ андешаронӣ намуда, натиҷаҳои амалии таҳқиқро ба таври муфассал дар бандҳои зиёди мушаххас шарҳ медод;

2.Дар саҳифаҳои 3, 5, 6, 19, 23, 29-и автореферат ғалатҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

3.Ҳаҷми матни автореферати диссертатсия 45 саҳифаро ташкил намудааст, аз нигоҳи мо ва мувофиқи талаботи КОА зиёд аст.

Мавриди зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои зикршуда характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва қимати илмии диссертатсия ва фишурдаи онро ба ҳеҷ ваҷҳ намекоҳонанд.

Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажӯҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст. Муаллиф дар равиши таҳқиқ бо тақвият аз назарияҳои илмӣ вобаста ба маъно, маъношиносӣ, семантикаи воҳидҳои луғавӣ, хусусияти навъҳои маънои луғавӣ, парадигматикаи луғавӣ-маъноӣ, радабандии мавзуӣ, баррасии мисолҳо, ҷамъоварии теъдоди зиёди мавод барои намуна, навиштани мақола малакаву дониши хешро сарф намудааст.

Бо назардошти афзалиятҳои болозикр, автореферати диссертатсияи **Бустонзода Тахмина Бустон** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филология, дотсент,
директори Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб Шаҳбоз Рустамшозода

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Ҳофиз Шерозӣ
14/33, ҳуҷраи 34
Тел.: (+992) 988-49-10-10
E-mail: rustamshoh-90@bk.ru

Имзои Шаҳбоз Рустамшозодаро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
ФМДДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб Холов Муҳаммадҷон

Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ 5
Телефон: (83322) 2-59-35
Сомона: https://takmil-kulob.tj
E-mail: filiali-dti-kulob@internet.ru
«23» июли соли 2026